«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши АМИТ,
профессор __________ Убайдулло Н.К.
аз «19» __январи__ соли 2024

**ХУЛОСАИ**

**шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба таҳқиқоти диссертатсионии Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942- 2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ).**

Таҳқиқоти диссертатсионии докторант (PhD) Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (солҳои 1942- 2021)» дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

Докторанти доктори фалсафа (PhD) Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна, соли таваллудаш 24.09.1988, соли 2011 факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва соли 2019 магистратураи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро хатм кардааст. Номбурда соли 2019 ба зинаи доктори фалсафа (PhD)-и Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов шомил гардида, соли 2020 ба шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ интиқол ёфта, соли 2022 хатм намуд.

Таҳқиқоти диссертатсионии докторант (PhD) Азизхонова Р.Г. «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (солҳои 1942- 2021)» дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва

мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима ва барои дифоъ пешниҳод карда шуд, (протоколи №1, 18 январи соли 2024).

Дар муҳокима ширкат намуданд: Ғафуров А.М. - мудири шуъба, номзади илмҳои таърих, дотсент, Абулҳаев Р.А. - доктори илмҳои таърих, профессор, Ҳотамов Н.Б. - доктори илмҳои таърих, профессор, Ф. Абдурашитов - сарходими илмӣ, д.и.т., ходими пешбари илмӣ; н.и.т. Р. Каримова, ходими калони илмӣ, н.и.т. Ҷ. Мирзоев, ходими илмӣ, н.и.т. М. Акрамов, ходимони хурди илмӣ Исматзода Ш., Қозизода Ш., унвонҷӯ Азизхонова Р.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна хулосаҳои зерин пешниҳод шуданд:

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Омӯзиши таҷрибаи таърихии соҳаи алоҳидаи ҷумҳурӣ, барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва идоракунии истеҳсолии он аҳаммияти бузурги илмиро дорост. Аз тарафи дигар, барои таҳқиқоти ҳамаҷонибаи таърихи Тоҷикистони Шӯравӣ ва замони истиқлолият, омӯзиши таърихи корхонаҳои бузурги истеҳсолӣ хеле муҳиму саривақтӣ буда, аҳаммияти илмӣ-таърихӣ дорад.

Инчунин, моҳияти баррасии мавзуъ дар он аст, ки имкон дорад сабабҳои пастравии истеҳсоли молҳои саноату сохтмон бахусус сементро дар охири асри XX ва азнав эҳё гардидани соҳаи мазкур дар аввали асри XXI муайян карда шавад. Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки муҳимияти таҳқиқи илмии таҷрибаи тарихии масъалаи мазкур аз он иборат аст, ки бо рушди устувори саноати семент дар ҷумҳурӣ дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ иншоотҳои азим НОБ-ҳои Норак, Сарбанд, Бойғозӣ, Кайроқум, Роғун, Сангтуда, заводи алюминии тоҷик ва даҳҳо заводу фабрика, инфрасохтори манзилӣ-маъмурӣ бунёд гардиданд, ки онҳо дар рушди индустрикунонӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ нақши калон доранд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Бояд қайд кард, ки то имруз доир ба масъалаи мазкур дар илми таърихнигории тоҷик ба қадри кофӣ ба ҷуз

мақолаҳои ҷудогона таҳқиқоте нест. Таърихи корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла, корхонаи семент ба ҳайси як мавзуи актуалӣ аз ҷониби муҳаққиқон ва мутахассисон то ҳол ба риштаи таҳқиқ кашида нашудаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқот дар доираи мавзӯи рисола имкон медиҳад, ки таърихи ташаккул, рушд ва дурнамои саноати семент, хусусан бузургтарин корхонаи семент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шавад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқот аз омӯзиш, таҳлил ва баррасии таъсис ва ташаккули корхонаи сементбарории шаҳри Душанбе дар замони шӯравӣ ва даврони истиқлолият мебошад. Бо дарназардошти мақсади зикршуда, дар назди диссертант вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

- омӯзиши заминаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва аҳаммияти бунёди корхонаи мазкур дар ҶШС Тоҷикистон;

- таҳқиқи сиёсати давлатии ҶШС Тоҷикистон ва Тоҷикистони соҳибистиқлол дар самти рушди саноати семент ва фаъолияти корхонаи мавриди таҳқиқ;

- баррасии нақши корхона дар рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар даврони шуравӣ ва замони истиқлол;

- баррасии оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ барои корхона ва инъикоси кӯшишҳои Пешвои миллат ҷиҳати баровардани корхона аз ҳолати бухронӣ ва азбайнравӣ;

- инъикоси нақши корхонаи “Тоҷиксемент” дар таъмини шаҳрвандон бо ҷойи кори доимӣ ва баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии ҷомеа;

- инъикоси аҳамияти робитаҳои хориҷии корхона дар роҳи густариш ёфтани фаъолияти он;

- омӯзиши ниёзҳои иқтисодии Тоҷикистон ва сармоягузорӣ дар самти инкишоф додани фаъолияти корхона;

- таҳқиқи таърихи бунёди қисмҳои истеҳсолӣ, хатҳои нави истеҳсолӣ, вусъат додани ҳаҷми истеҳсоли семент ва марҳилаҳои асосии фаъолияти он;

- омӯзиши иқтидори корхона дар Тоҷикистон ва дурнамои рушди он;

- баррасии имкониятҳои захираҳои табиӣ ва роҳҳои тавсеаи он: мушкилот ва дурнамо;

- таҳқиқи иқтидор ва рушду тавсеаи фаъолияти корхона аз рӯйи технологияи замонавӣ бо дарназардошти масоили экологӣ;

- инъикоси нақши корхона дар таъмини иншоотҳои муҳими давлатӣ ва хусусияти стратегидоштаи мамлакат дар даврони шуравӣ ва замони истиқлол;

- баррасии масъалаи омода намудани мутахассисон дар корхона ва нақши он дар рушди синфи коргари маҳаллӣ.

**Навгониҳои илмӣ.** Дар диссертатсия бори нахуст таърихи ташаккули фаъолияти корхонаи “Тоҷиксемент” дар даврони шуравӣ ва замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1942-2021) мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, дар асоси сарчашмаҳои боэътимод ҷараёни эҳё ва ташаккули соҳаи мазкур дар марҳилаи муайяни болозикр таҳқиқ шудааст. Дар кори илмии мазкур заминаҳои таърихӣ ва иқтисодии бунёди корхонаи мавриди пажӯҳиш, марҳилаҳои ташаккулёбии он, нақши корхона дар рушди саноати мамлакат, роҳҳои ташаккули минбаъдаи он мавриди баррасӣ қарор гирифта, афзалиятҳо ва имконоти табиии кишвар ҷиҳати инкишоф додани соҳаи саноати семент ва нақши он дар роҳи саноатикунонии кишвар бозгӯ шудаанд.

Ҳамзамон, масъалаҳои зерин ба ҳайси навгонии илмӣ дар диссертатсия муайян карда шудаанд:

- заминаҳои таърихӣ ва иқтисодии бунёди корхонаи сементи Душанбе дар шароити вазнини солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо такя ба маводи бойгонӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ омӯхта шудааст;

- аввалин маротиба таърихи бунёди ниҳоди корхона дар шакли таҳқиқоти илмии бунёдӣ ва марҳилаҳои асосии фаъолияти он таҳқиқ карда шудааст;

- иқтидори табиии Тоҷикистон ва дурнамои рушди саноати сементи навъи ба сулфат тобовари маркаи 500 – и корхонаи мазкур, ки барои

бунёди иншоотҳои азими гидроэнергетикӣ ниҳоят муҳим аст, омӯхта шудааст;

- бори нахуст имкониятҳои рушди фаъолияти корхона ҷиҳати афзун намудани содироти семент ба хориҷи мамлакат ва роҳҳои тавсеаи он: мушкилот ва дурнамо таҳқиқ карда шудааст;

- бори нахуст фаъолияти корхона дар ду давра: даврони шуравӣ, низоми банақшагирӣ ва замони соҳибистиқлолӣ шароити иқтисоди бозорӣ бо такя ба манобеи мӯътамад, маводи бойгонӣ ва осори муҳими илмӣ таҳқиқ карда шудааст.

-дар маҷмуъ дар диссертатсияи мазкур нақши корхонаи мазкур дар рушди иқтисодиёт ва саноати кишвар ба таври амиқ таҳқиқ шудааст.

**Аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ–назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд, дар корҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати муайян намудани роҳҳои инкишофи минбаъдаи соҳаи семент, рушди минбаъдаи корхона ва барқарор намудани таҷриба ва методҳои истеҳсоли корхона дар дигар манотиқи кишвар кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба ташаккули саноат, хусусан рушди саноати семент дар Тоҷикистон дар замони шуравӣ ва солҳои соҳибистиқлолӣ ҳангоми хондани курсҳои лексионӣ метавон истифода намуд. Аҳамияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқот дар ниҳодҳои илмӣ-тадқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бевосита аз сарчашмаҳои муътамад истифода карда, бо такя ба маводи бойгонӣ, хусусан Бойгонии Марказии Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгонии ҷории Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон ва, махсусан, бойгонии ҷории КВД “Тоҷиксемент, инчунин борҳо сафар намудан ба корхона, шоҳиди раванди истеҳсолот гардидан, аз вазъияти феълии корхона дидан намудан ва суҳбату мулоқотҳо анҷом

додан бо собиқадорони варзида ва собиқ роҳбарони корхона, ҳолати воқеӣ ва таърихи ташаккули онро дарк ва ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор дода, дар заминаи омӯзиш муҳаққиқ бори нахуст самтҳо ва имкониятҳои рушди минбаъдаи соҳа, хусусан корхонаро дар шароити ҷуғрофии Тоҷикистон ва аҳаммияти онро дар амалисозии саноатикунонии кишвар бозгӯ кардааст.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия бо самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, махсусан таърихи иҷтимой-иқтисодии Тоҷикистони соҳибистиқлол алоқамандӣ дошта, маводҳои он зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба ташаккули саноат, хусусан рушди саноати семент дар Тоҷикистон дар замони Шуравӣ ва солҳои соҳибистиқлолӣ ҳангоми хондани курсҳои лексионӣ ва махсусан аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ ва Истиқлолият» метавон истифода намуд.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Таҳқиқоти илмӣ, навгонӣ ва натиҷаҳои он ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, аз ҷумла ба ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат мекунад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардида, бобҳои он дар ҷаласаҳои шуъба мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Муқарраротӣ асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 6 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Ҳамчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (2019-2022), конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати профессорону ходимони илмии Институти таърих,

бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (2019-2022) маърӯза шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима карда шуда, барои дифоъ пешниҳод гардид.

**Мавҷудияти санади татбиқи натиҷаҳои илмӣ.** Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 7 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Ҳамчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (2019-2022), конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати профессорону ходимони илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (2019-2022) маърӯза шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ:

### Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Азизхонова, Р. Г. Фаъолияти заводи сементбарории ш. Душанбе дар солҳои 40- 60- уми асри XX. [Матн] / Р.Г. Азизхонова // Муаррих.-2021.-№3(27). - С.51-58.

[2-М]. Азизхонова, Р. Г. Омода намудани кадрҳо дар заводи сементи Душанбе дар солҳои 40- 60- уми асри XX. [Матн] / Р.Г. Азизхонова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2022. – №1(96). – С.252-256.

[3-М]. Азизхонова, Р. Г. Нақши корхонаи воҳиди давлатии “Тоҷиксемент” дар таъмини корхонаҳо ва иншооти азими саноатии мамлакат бо сементи аълосифат [Матн] / Ф.М. Абдурашитов, Р.Г.

Азизхонова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. Душанбе – 2023. – №4(273). – С.-111-114.

**Мақолаҳои дар дигар маҷмуаҳои илмӣ, маҷаллаҳо ва маводҳои конференсиявӣ чоп шудаанд:**

[4-М].Азизхонова, Р. Г. Рушди саноати семент дар остонаи ҳадафи чоруми стратегӣ “саноаткунонии босуръат” [Матн] / Р.Г. Азизхонова // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. – №3 (011).- С.43-46.

[5-М].Азизхонова, Р. Г. Развитие цементной промышленности Таджикистана на пороге четвертой стратегической цели «ускоренная индустриализация» / Р.Г. Азизхонова // Международная конференция молодых ученых «Большая Евраазия континент науки”. - Москва. - 1-4 ноября 2023 г.

[6-М].Азизхонова, Р. Г. Эҳёи корхонаҳои сементбарорӣ ва рушди саноати маснуоти сохтмон дар Тоҷикистон” / Р.Г. Азизхонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Рушди системаи идоракунии инноватсияҳо дар корхонаҳои саноатӣ” . Бахшида ба эълон гардидани солҳои рушди саноат солҳои 2022-2026. – Кӯлоб. - 2023. - С. 285-290.

[7-М].Азизхонова, Р. Г. Саноат ва сохтмон дар Тоҷикистон дар даврai Ҷанги Бузурги Ватанӣ / Р.Г. Азизхонова // Конференсияи илмӣ- ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии занону духтарон дар илм ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” “Саҳми занон дар рушди илм”. – Душанбе. - 2024. - С.- 271-280.

Таҳқиқоти диссертатсионии докторант Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (солҳои 1942- 2021)” ҷавобгӯйи талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ қабул шудааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 9 нафар, аз ҷумла - 3 нафар доктори илм, 4 нафар номзади илм ва 2 нафар ходимони илмӣ аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**
«ҷонибдор» -9 нафар «муқобил» - нест «бетараф» - нест
Қарор якдилона қабул карда шуд.
Протоколи № 1, 18 январи соли 2024

**ЗМудири Шуъбаи таърихи навтарини**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва**
**мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ**
**номзади илми таърих, дотсент** **Ғафуров А.М.**
**Котиб** **Қозизода Ш.**

*Имзои Ғафуров А.М., Қозизода Ш.-ро тасдиқ мекунам:*
**Нозири калони шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ Файзуллоева Г. Қ**
**«18» январи 2024**